# 5.9 (10 01 00) ФИЛОЛОГИЯ
# 5.9 ФИЛОЛОГИЯ
# 5.9 PHILOLOGY

## 5.9.2 (10 01 03) ЛИТЕРАТУРА НАРОДОВ МИРА (ТАДЖИКСКО- ПЕРСИДСКАЯ ЛИТЕРАТУРА)
## 5.9.2 LITERATURE OF THE PEOPLES OF THE WORLD (TAJIK-PERSIAN LITERATURE)
## 5.9.2 АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН (АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК)

***УДК 821.0***
***DOI 10.24412/2413-2004-2023-3-52-60***

***АҲМАДҶОНИ РАҲМАТЗОД ВА СУННАТИ ДОСТОННАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК***

***Абдуллоев Ромезҷон Холмуминович,*** *н.и.ф., дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Муассисаи давлатии таълимии “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***АХМАДЖОН РАХМАТЗОД И ТРАДИЦИЯ СОСТАВЛЕНИЯ ПОЭМ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ***

***Абдуллоев Ромезджон Холмуминович,*** *канд.филол.наук, доцент, руководитель управления науки и инноваций ГОУ “ХГУ имени акад. Б.Гафурова” (Худжанд, Таджикистан)*

***AHMADJAN RAHMATZOD AND THE TRADITION OF COMPOSING POEM IN MODERN TAJIK LITERATURE***

***Abdulloev Romezjon Kholmuminovich,*** *candidate of philological sciences, Associate Professor, the head of the department of science and innovation under the SEI “KhSU named after acad. B. Gafurov” (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *romizjona@gmail.com*

*Достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод аз ҷиҳати мавзӯиву ҳунарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид гардидааст, ки достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод то имрӯз ба таври алоҳида омӯхта нашудаанд, ҳарчанд онҳо дар адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи намоёнро касб кардаанд, аммо то ҳол таваҷҷуҳи зарурӣ дар адабиётшиносӣ ба онҳо зоҳир нагардидааст. Барои омӯзиш достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод аз ҷиҳати мавзӯву мундариҷа ба чор гуруҳ тақсим карда шудаанд. Гуфта шудааст, ки шоир дар нахустин давраҳои ба доираи адабӣ қадам гузоштанаш ба достоннависӣ шуғл варзида, ин пешаи пурмашаққати адабиро то имрӯз идома дода истодааст. Хулоса шудааст, ки Аҳмадҷони Раҳматзод дар тасвири симоҳои барҷастаи илму адаб, инъикоси ҳодисаву воқеаҳои мудҳиши солҳои навадуми асри XX ва таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, ваҳдату иттиҳоди мардум ва болоравии ҳуввияту худшиносии он маҳорати баланд нишон медиҳад.*

**Калидвожаҳо:** *адабиёти муосири тоҷик, эҷодиёти Аҳмадҷони Раҳматзод, суннати достоннависӣ, нақди адабӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, вижагиҳои ҳунарӣ*

*Анализируются поэмы Ахмаджона Рахматзода в тематическом и художественном плане. Подчеркивается, что поэмы Ахмаджона Рахматзода до сегодняшнего дня не стали объектом отдельного рассмотрения, хотя они занимают особое место в современной таджикской литературе, но литературная критика до сих пор не уделила им должного внимания. Для анализа тематических и художественных особенностей поэмы Ахмаджона Рахматзода разделены на четыре группы. Отмечается, что поэт занимался созданием*

*поэм с первых дней вступления на литературную арену и по сей день не оставляет эту трудную задачу. Сделан вывод, что Ахмаджон Рахматзод проявляет в поэмах недюжинное мастерство в изображении выдающихся личностей-представителей науки и литературы, в отражении трагических событий девяностых годов XX века, в усилении чувства патриотизма, единства и сплоченности народа, в показе роста его самосознания.*

**Ключевые слова:** *современная таджикская литература, творчество Ахмаджона Рахматзода, традиция создания поэм, литературная критика, патриотизм, художественные особенности поэм*

*The article reviews Ahmadjon Rahmatzod`s poems thematically and artistically. It is underscored that Ahmadjon Rahmatzod`s poems have not become the object of separate consideration up to date, although they have a particular place in modern Tajik literature. However, literary critique has not paid them special attention yet. While analyzing thematico-belles-letters peculiarities of Ahmadjon Rahmatzod's poems, the author divides them into four groups. It is noted that the poet was engaged in writing poems from the first days of entering the literary arena and does not abandon this difficult task until today. It is concluded that Ahmadjon Rahmatzod shows remarkable mastership in his poems in the depiction of outstanding personalities - representatives of science and literature in the reflection of tragic events of the nineties of the 20th century, strengthening the sense of patriotism, unity and cohesion of the people aimed at the performance of their self-awareness growth.*

**Key-words:** *modern Tajik literature, Ahmadjon Rahmatzod`s creations, tradition of writing poems, literary critique, patriotism, belles-letters peculiarities of poems*

Аҳмадҷони Раҳматзод аз шоироне маҳсуб мешавад, ки ҳанӯз дар марҳилаҳои муҳимтарини эҷодӣ ба як ҷодаи пурмашаққати адабиёт, яъне достоннависӣ қадамҳои устувор гузоштааст. Ба таъбири дигар, чун замони ба саҳнаи ҳунар ворид гардидани шоир ба рӯйдодҳои дилхароши солҳои навадуми асри гузашта рост меояд, як андоза вазифа ва масъулияти шоир дар назди халқу Ватан хеле ва хеле дучанд гардидааст. Хусусан, дар ҷодаи достоннависӣ ва офаридани осори калонҳаҷми манзум суханвароне чун Аскар Ҳаким, Аҳмадҷони Раҳматзод, Озарахш, Гулноз ва Нуралии Нурзод ҳиммат гумориданд, ки солҳои зиёдеро барои иртифоъ ва рушду нумӯи ҳамин раванд сипарӣ намоянд. Саҳифаҳои эҷодиёти Аҳмадҷони Раҳматзод дар самти достонсароӣ ва идома бахшидани беҳтарин суннатҳои деринаи адабиёти тоҷик пур аз ибтикорот ва барномарезиҳои ҳунарӣ мебошанд, ки мутаассифона, ба ҷуз чанд ишора аз ду тақризи адабиётшиносон Нуралии Нурзод "Дар ҷилвазори нақши тасовир (тақриз ба китоби "Ашки мармар")" ва Матлубаи Мирзоюнус "Номаҳои пурасрор (тақриз ба китоби "Номаи сарво")" ин ҷанбаи фаъолияти Аҳмадҷони Раҳматзод то кунун мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст. Нуралии Нурзод дар мақолаи ёдшуда дар баробари ин, ки доир ба хусусиятҳои ашъори шоир, аз ҷумла доираи ҳунар ва тасвирофаринӣ мулоҳизаҳои ҷолиб баён менамояд, бо баҳрамандӣ аз завқу салиқаи достонсароии шоир таъкид бар он медорад, ки: "...дар мавриди дарунмоя, рангорангии мавзӯот, афкор ва назари тоза ба шеър, хусусан кӯшишҳои муваффақона дар сароидани достонҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихӣ, ки таҷрибаи он дар адабиёти давраи нави мо ба нудрат ба чашм мерасад, гуфтанӣ зиёд аст. Достону манзумаҳои "Пайванд ё асри бисту як", "Бе ваҳдат бимирам" ва "Яъқуббек", ки дар маҷмӯа ҷой доранд, чун намунаи беҳтарини достони нав ҳам аз ҳайсияти ҳунару мавзӯъ ва ҳам аз корбандии таҷаддуди фикриву ҳунарӣ дар ситоиши достон бархурдоранд ва ниёз ба таҳқиқи ҷудогонаву амиқ дар қиёс ба достонҳои солҳои охири шоирони имрӯзи мо доранд" (2,196). Яъне, Нуралии Нурзод раванди достонсароии замони истиқлолро ба унвони "кӯшишҳои

муваффақона” ёдоварӣ кардааст ва чун ин мулоҳиза аз лиҳози ин ки шояд аввалин намунаи афкори нақду сухансанҷӣ дар мавриди достон ва дастонсароӣ ба шумор меравад, онро низ метавон ҳамчун нахустин баҳои нақди адабӣ ба раванди достонсароӣ, аз ҷумла достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод дар адабиёти муосири тоҷик пазируфт. Матлубаи Мирзоюнус низ се достони Аҳмадҷони Раҳматзодро, аз қабили “Пайғоми ориён”, “Достони солҳо” ва “Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ” дар канори дигар намунаҳои ашъори суханвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, перомуни онҳо андак фарохтар изҳори андеша кардааст. Яъне, тавре ба мушоҳида расид, дар мавриди Аҳмадҷони Раҳматзод ва ин ё он достони ӯ ҳамин қадар маълумот ва ё изҳори назарҳо дида мешаванду халос ва чун Аҳмадҷони Раҳматзод шоири достонсарост ва ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати мавзӯву муҳтаво ба ин масоил бештар аҳамият додааст, корномаҳои ӯ ҳамчун як манбаи дастнохӯрдаи адабиёт ношинохта боқӣ мондаанд. Ба қалами ӯ айни ҳол достонҳои “Пайванд ё асри бисту як” (1993-2001), “Достони солҳо” (1999-2002), “Пайғоми ориён” (2003-2004), “Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ” (2005), “Зуҳури ҳазрати инсон” (2006-2008) ва манзумаҳои “Беваҳдат бимирам” (1992-1997), “Китобхудо” (1995-1996), “Дар осоишгоҳи Баҳористон” (2013), “Асри раҳгум” (2018-2019) тааллуқ доранд, ки дар маҷмӯъ манзараи умумии эҷодиёти муаллифро пешорӯи мо таҷассум менамоянд. Хидматҳои Аҳмадҷони Раҳматзодро дар нигоҳ доштани як суннати деринаи адабиёт, ки достонсароист аз чанд ҷиҳат метавон мавриди барррасӣ қарор дод:

**1.Таҷассуми масоили таърихии замони истиқлол ва ҳодисаву воқеаҳои солҳои навадуми асри гузашта.** Аҳмадҷони Раҳматзод вобаста ба ҳодисаву воқеаҳои даҳшатбори солҳои навадум, аз ҷумла нобаробарӣ, хушунат, қатлу куштор ва дар маҷмӯъ пеш омадани хавфу хатари нобудии миллати тоҷик тайи як даҳа достонҳои “Пайванд ё асри бисту як” (1993-2001) ва “Достони солҳо” (1999-2002)-ро ба риштаи назм кашидааст. Баррасии достонҳои суханвар нишон медиҳад, ки шоир фурсати хешро зиёдтар ба таҷассуми масъалаи мазкур сарф сохта, марҳила ба марҳила ба тасвири мавзӯоте алоқамандӣ пайдо кардааст, ки дар он давра сарнавишти мардуми тоҷикро таъйин менамуданд ва ба нақш ва ҳастии миллати тоҷик ҳамчун халқ ва кишвари алоҳида дар остонаи аср ва ё ҳазораи ҷадид таъсири амиқ доштанд. Аҳмадҷони Раҳматзод ба сохт ва ё вазни достонҳо низ як андоза мутафовит намондааст, яъне, ӯ барои достон ва манзумаҳо вазн интихоб намекунад ва умумияте, ки сохтори достонҳои суханварро фаро мегирад, мавзӯи онҳо ба шумор меравад. Ба ибораи дигар як достони Аҳмадҷони Раҳматзод имкон дорад, ки аз чандин вазнҳои алоҳида иборат бошад, аммо ин мутафовитӣ моҳияти асосии мавзӯии достонро халалдор намекунад, балки баракс онро нишонрас, муассир ва комил гардонидаанд. Чунин вижагии осори Аҳмадҷони Раҳматзод ва дигар суханварони достонсаро шояд аз нахустин таҷрибаҳое дар адабиёти пасазистиқлолии тоҷик бошанд, ки дар марҳилаи нави адабӣ ба таҳаввул ва руҳи тоза бахшидани жанри достон кӯмак намудаанд. Достонҳои “Пайванд ё асри бисту як” ва “Достони солҳо” аз он ҷиҳат аҳамият доранд, ки Аҳмадҷони Раҳматзод дар ҷодаи достонсароӣ барои қадамҳои росих гузоштанаш аввалин таҷрибаҳоро ба сифати таҷассумкунандаи ҳодисаҳои як давраи муҳимтарини таърихи халқи тоҷик дар ҳамин достонҳо истифода кардааст ва ин достонҳо бо вуҷуди доштани мавзӯи муштарак аз ҷиҳати ҳаҷм ва фарогирӣ аз ҳамдигар тафовути зиёд доранд. Масалан, достони “Пайванд ё асри бисту як” аз 24 бахш иборат буда, шоир чандин масъалаҳоро, аз қабили руҷӯъҳои ӯ ба соқӣ, масъалаи фирор ва паноҳҷӯӣ аз ваҳшату куштор, мусоҳибаи Одами барфӣ ба хабарнигорони тоҷику олмонӣ, амрикоиву ҷопонӣ, қиссаи Зуҳра, зикр кардани баъзе номҳои сиёҳи таърих, ба монанди Тиббетс, ки ба тайёраи бомбаандози худ номи модараш Энола Гейро гузошта буд ва бо он ба Хиросима бомбаи атомӣ партофт, қиссаи Ричард

Зорге–маҳбуси Сугамо, Хонако Иссии ҷавонзани ҷопонӣ, ки ошиқи Зорге буд, ёдоварии чеҳраҳои таърихии Сомонхудот, Исмоили Сомонӣ ва Рӯдакӣ ҳамчун унсурҳои таъсиргузор барои нишон додани оқибатҳои нангини ҳодисаҳои пасазистиқлолӣ корбаст кардааст. Аҳмадҷони Раҳматзод аз ҳодисаҳои даҳшатбори солҳои навадум пеши назар қатлу куштори дастаҷамъӣ ва коргирӣ аз бомбҳои атомӣ, ки ҳаёти инсониро дар ҳама давру замон дар хатар меандозад, меоварад. Зеро дастгоҳи одамкушӣ ва қатлу куштори гуруҳии солҳои навадум барои мардуми тоҷик аз ҳодисаҳои ҳавлноки Хиросимаву Нагасакӣ монданӣ надошт. Яъне, Аҳмадҷони Раҳматзод аз бераҳмиву бешавкатии гуруҳҳои ба хуни якдигар ташна аз оқибат ва бесарнавишти миллати тоҷик дар ҳарос будааст ва дар қисмати оғозини достон ба соқӣ, ки ҳамеша барои барканор кардани ғаму дард ва мушкилоти рӯзгор дар аъмоқи таърих суханварон ба он муроҷиат менамуданд, руҷӯъ менамояд:

***Биё, соқӣ, шаб омад рӯзи моро,***
***Бидеҳ таскин ғами дилсӯзи моро!***

Ва ин дафъа ғами суханвар ғаму дарди ҷисмонӣ ва шахсӣ нест. Ин ғам ғами миллат, сарнавишт ва бақову ҳастии он аст. Руҷӯъ ба соқӣ агар як суннати адабӣ ба шумор равад, мавзӯи он як андоза ҷадид мебошад, ки дар адабиёти муосири тоҷик намунаҳои он фаровон дида мешавад. Қисмати оғозини достони мазкур дорои 7 байт аст ва тавре ба мушоҳида расид, аз ҷиҳати фарогирии байтҳо низ қисматҳои достон мутафовитанд. Аҳмадҷони Раҳматзод пас аз муроҷиат ба соқӣ дар бахши дуюм, ки “Фирор ё фоҷиаи соли 1992” унвон дорад, вазъи ҷаҳаннамии солҳои навадумро чунин тасвир менамояд:

***Замин ларзид дар зери қадамҳоям,***
***Гаҳе ки чун гулӯла каллаи чун себаки кӯдак...***

Қисмати дуюми достон дорои 10 байт буда, суханвар дар қисмати аввал ба соқӣ пас аз нақли ҳолатҳои даҳшатбори замон ба баёни воқеаи хунини соли 1992 мепардозад. Ҳамин гуна тасвирҳоро дар бахши оғозини “Достони солҳо” низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Шоир дар бахши мазкур чун аз Қубодиёну Бохтару Кӯлобу Файзободу Дарбанду Рашт ном мебарад, чунин ба назар мерасад, ки охирин қаламравҳои таърихии сарзамини аҷдодӣ аз оташи ҳавлноки охири асри XX сӯхта хокистар гардида, умеди боқӣ мондани халқи тоҷикро ҳамчун як миллати мутаммаддин аз байн бурда истодааст.

Аз муштаракоти дигари достонҳои ёдшуда ёдоварӣ аз як муваффақияти асосии ин солҳо – ғолиб омадани Эмомалӣ Раҳмон дар интихобот, ки сарманшаи муваффақиятҳои баъдии мамлакат ва оғози раванди ваҳдати миллӣ, фатҳу нусрат ва сулҳу истиқрори мамлакат маҳсуб мешавад, ба шумор меравад:

***Зи халқам пури Раҳмон сарварӣ ёфт,***
***Ба халқам нури Раҳмон аз фалак тофт…***

***

***Баски омад бар сарам Раҳмони ман,***
***Кушта шуд дар ҷони ман шайтони ман.***

Суханвар дар ин масир ба сифати як коршиноси масоили сиёсӣ, таҳлилгар ва осебшиноси воқеаҳои солҳои навадуми асри гузашта аз аҳамияти ин ҳодисаи муҳимми таърихӣ, ки меҳвари асосии рангорангии саҳифаҳои таърихи навини мамлакатро фароҳам овардааст, сухан ба миён овардааст. Зикри номҳои чеҳраҳои сиёҳи таърих ба монанди Тиббетс ва Ричард Зорге–маҳбуси Сугамо, ки дар адабиёти ҷаҳонӣ симои дурахшон намебошанд, дар адабиёти тоҷик зуҳур пайдо кардаанд. Ин баёнгари он аст, ки ҳодисаҳои ҳавлноки солҳои навадум барои миллати тоҷик бар масобаи ҷангҳои ҷаҳонии ба ҳаёти инсонӣ хатаровар қарор гирифтааст. Яъне, корҳое, ки бо дасти ин гуна симоҳои нангин

ҷиҳати нобудии ҳаёти башар анҷом ёфтаанд, дар он рӯзҳо худи мо – Тиббетс ва Ричард Зоргеҳои тоҷик барои аз байн бурдани миллати худ мекардем.

Ҳамин тариқ, Аҳмадҷони Раҳматзод ба масоили таърихии замони истиқлол, аз ҷумла ҳодисаву воқеаҳои солҳои навадуми асри гузашта аз равзанаҳои мухталиф назар афкандааст. Дар достонҳои ӯ раванди тасвири воқеоти зиндагии мардуми тоҷик дар замони Истиқлол маҳдуд нест ва суханвар ҳамеша талош меварзад, ки дар ин масир пешсаф бошад. Дар “Достони солҳо” ҳар сол бо як муваффақияташ ёд мешавад ва ӯ ин дастовардро ҳамчун унвони достон бармегузинад. Яъне, достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод аз ҷиҳати зикри хронологияи масоили таърихӣ, сиёсӣ, адабӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ афзалиятнок буда, бо вуҷуди дар дигар достонҳои ӯ ба мушоҳида расидани чунин масоил баррасии он дар ҳавсалаи мақолаи ҳозир гунҷоиш надорад.

**2.Руҷӯъ ба таърихи гузашта ва масъалаҳои вобаста ба худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ.** Аҳмадҷони Раҳматзод ба гузашта як нигоҳи васеъ ва хеле пурвусъат дорад. Дар достонҳои суханвар таърихи давлатдорӣ, тамаддунофарӣ, адабпарварӣ, фарҳангустарӣ, қаҳрамонӣ ва диниву асотирӣ ба масобаи як кохи бегазанди ҳастии миллат барои бедориву худшиносӣ ва тармими дигарбораи ҷисмониву маънавии халқи тоҷик ба кор рафтааст. Аз достони “Пайванд ё асри бисту як”, ки аввалин достони суханвар ба шумор меравад, Аҳмадҷони Раҳматзод бо вуҷуди ин, ки дар ин достон аз як марҳалаи бисёр ҳавлноки таърихи навини халқи тоҷик ҳарф мезанад, дар зимн унсури худшиносиву худогоҳии миллӣ, яъне таърихро, ки омӯхтани он боиси ваҳдату якпорчагӣ ва истиқрору пешрафт мегардад, ҳамчун як занҷираи пайванди дирӯзу имрӯзи халқу миллат ба кор бурдааст. Мутлубаи Мирзоюнус вобаста ба ин масъала дар мақолаи “Номаҳои пурасрор” чунин навиштааст: “Достони “Пайғоми Ориён” дар шакли нома иншо шуда, масоили таърихӣ, худшиносии миллӣ ва муҳаббат ба Ватани аҷдодиро ба миён мегузорад. Таърихи чандинҳазорсолаи шаҳри Хуҷанд, шукӯҳи давлати бузурги Сомониён, турктозиҳои аҷнабиён, хиёнатҳои душманони дӯстнамо, сарнавишти талхи бузургони миллат–ҳама дар маҷмӯъ дар меҳвари андешаҳои шоир ҷо гирифтаанд” (1, 275). Аҳмадҷони Раҳматзод дар иртибот ба ин ки дар маҳаллаи Пулҷуқури шаҳри Хуҷанд мазори Каюмарси Одам мавҷуд мебошад, аз Каюмарс суханро оғоз мекунад ва бо ҳамин васила саҳифаҳои таърихи мавҷудияти шаҳри Хуҷандро ҳамчун охирин шаҳри Ориёӣ варақгардон менамояд. Ба таъбири дигар, номи шаҳри Хуҷанд дар осори калонҳаҷми Аҳмадҷони Раҳматзод аввалин маротиба дар достони “Пайванд ё асри бисту як” ба мушоҳида мерасад ва дар ин марҳала муаллиф бо ёдоварӣ аз нақши ин шаҳри озода барои хотима бахшидани як раванди нобудиву парокандагии миллати тоҷик ба ин меъодгоҳи илму фарҳанг ҳамчун як сарманшаи сулҳу ваҳдат, ягонагиву истиқрор назар андохтааст. Баъдан дар дигар достонҳои шоир, хусусан, достони “Пайғоми Ориён” Аҳмадҷони Раҳматзод ба Хуҷанд ба сифати як хиттаи пурфитихори таърихи қадима, аз ҷумла Суғд, Бохтар, Сомониён ва порае аз тамаддуни ориёӣ муомила мекунад ва асрори ҳувиятсозӣ ва ваҳдатмеҳварии ин шаҳрро аз таърих ҷустуҷӯ менамояд. Номаҳои Каюмарс, Ориёнфар, Суғдӣ, Мунтасири Сомонӣ, Темурмалик, Хоҷа Камол, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Сирдарё ва ғайра номаҳои таърихианд. Дар ин номаҳои рамзиву ҳувиятӣ пайкараи маънавӣ, фарҳангӣ, худҷӯиву худшиносии мо нуҳуфтааст.

Ҳамин тариқ, баррасии достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод нишон медиҳанд, ки суханвар ба масоили худшиносиву худогоҳии миллӣ пас аз як давраи ноумедӣ рӯй овардааст ва ин раванд дар достонҳои шоир соли 2003 оғоз ёфтааст. Достони “Пайғоми ориён” аз достонҳое ба шумор меравад, ки суханвар дар он бори аввал бо як услуби дигар, яъне бо лаҳни шод, боварӣ ба оянда, даъват ба худшиносӣ ва хештаншиносӣ, нигоҳ доштани

ҳастии миллӣ ва ғайра ҳарф мезанад. Ба ифодаи дигар, усулитарин ва асоситарин достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод дар масири фарогирии масъалаҳои вобаста ба худшиносиву худогоҳии миллӣ достони "Пайғоми ориён" мебошад, ки он як бахши корномаҳои Аҳмадҷони Раҳматзодро ҳамчун шоир ва мутафаккири пурталош ва ҳувиятгаро таҷассум менамояд.

**3.Ба вуҷуд овардани портрети манзуми чеҳраҳои шинохтаи илму адаб.** Дар достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод чеҳраҳои барҷастаи илму адаб, сиёсат ва фарҳанг, ки имрӯз ифтихори тамаддуни башарӣ ба шумор меравaнд, ба таври барҷаста таҷассум пайдо кардаанд. Ба таъбири дигар, Аҳмадҷони Раҳматзод баъд аз Мӯмин Қаноат суханварест, ки дар достонсароӣ ба ин масири пурифтихор, яъне зикри ҳарчи бештари шахсиятҳову намояндагони таърихи дурударози халқи тоҷик таваҷҷӯҳи амиқ зоҳир кардааст. Дар ин миён достони "Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ" ҷойгоҳи хоса дорад. Тавре аз достонҳои қаблӣ ба мушоҳида мерасад, ӯ дар баробари номи шахсиятҳои мӯътабар инчунин аз марказҳои фарҳангӣ, ҳавзаҳои адабӣ, шаҳрҳо ва қаламравҳои бостонӣ, ки онҳо ба ҳамдигар алоқамандии зич доранд, ба ифтихор ёд менамояд. Достони "Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ" аз ҳамин гуна достонҳои муаллиф ба шумор меравад, ки Аҳмадҷони Раҳматзод аз саҳифаҳои таърих корномаҳои як нобиғаи илму маърифатро ҷустуҷӯ намуда, портрети ӯро ҳамчун мусаввир ва ҳунарманди огоҳ бо рангу ҷилои тоза таҷассум сохтааст. Дар достон ду чеҳра дар робита ба Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, аз ҷумла Шоҳ Фахруддавла ва Абӯрайҳони Берунӣ низ тасвир ёфтаанд. Суханвар бо зикри номи онҳо муносибати Абӯмаҳмуди Хуҷандиро ба аҳли илму адаб, шоҳону дарбориён бозгӯ кардааст. Ҳамчунин аз Сино аз сабаби "ҳампояи Сино" ба қалам овардани Абӯмаҳуди Хуҷандӣ ва аз Камоли Хуҷандӣ аз сабаби ҳиҷрати Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ аз шаҳри Хуҷанд ном бурдааст. Чунин масоили достон нишон медиҳад, ки суханвар дар маҷмӯъ ба мутафаккирону шоирони форсу тоҷик, бахусус Абӯмаҳмуди Хуҷандиву Камоли Хуҷандӣ дар як ҳамбастагӣ менигарад. Аҳмадҷони Раҳматзод бо ин роҳ камолоти адабӣ ва илму маърифатро дар асрҳои миёна дар симои Абӯалӣ ибни Сино ва Камоли Хуҷандӣ ба мушоҳида гирифтааааст. Ин навъи дидгоҳҳо дар корномаҳои адабии суханвар оид ба адибону шоирони адабиёти гузашта қобили мулоҳиза мебошад.

Дар қисмати дуввуми достон, ки "Таҷрибаи нахуст" унвонгузорӣ шудааст, овони бачагии Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ тасвир ёфтааст. Суханвар аз замони хурдӣ дорои истеъдоди фавқулода, ҷаҳонбинии васеъ, завқу салиқаи хос будани Абӯмаҳмуди Хуҷандиро нишон дода, маҳз дар ҳамин овон ба вуқӯъ пайвастани аввалин таҷрибаҳои илмии ӯро, ки ба зичии ашё алоқамандӣ доштаанд, бозгӯ кардааст. Дар қисмати сеюм ва чоруми достон бошад, суханвар доир ба мушоҳидаҳои Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ маълумот додааст. Яъне ин се қисмат танҳо ба давраи бачагӣ ва наврасии Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, ки дар шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи Ғозиён ва боғҳои овозадори шаҳр ва соҳил Сирдарё гузаштааст, нигаронида шуда, ҳамин шароити хуби табиӣ барои тавсеаи ҷаҳонбинӣ, сайқал ёфтани тафаккури илмӣ ва рӯи кор омадани аввалин навоварӣ ва бозёфтҳои илмии ӯ кӯмак кардаанд.

Суханвар дар қисмати панҷум дар бораи мусофирати ин чеҳраи илму адаб сухан ба миён овардааст.

Сабабҳои сафари Абӯмаҳмуди Хуҷандиро Аҳмадҷони Раҳматзод аз чанд омил медонад, ки яке аз ин омилҳо ба омадани арабҳо ва маскуният гузидани онҳо дар шаҳри Хуҷанд рабт дорад.

Паст гардидани қадри китоб, илму маърифат ва ҷои онҳоро гирифтани арзишҳои бегона сабаби дигари муҳоҷирати Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва олимони монанд ба ӯ аз ҳавзаи тамаддунии қаламрави забони форсӣ дар шаҳрҳои таърихии Осиёи Миёна дониста шудааст:

***Чаро дар заминам араб ҷо гирифт?***
***Ба ҳар хонадон ғайр маъво гирифт!***

***

***Ҳакимони ин ҷо ба ҳар сӯ равон,***
***Ба пои мувакkил фурӯ саргарон.***

Ҳамин тариқ, суханвар дар баробари овардани давраҳои умри Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, аз ҷумла давраи наврасӣ ва ҷавонии вай, инчунин доир ба расму таомулоти таърихии мардуми тоҷик, қадру қимати илму маърифат, Ватандӯстӣ, алоқамандии ҷавонон ба китобу китобдорӣ ва дар маҷмӯъ ҷаҳоншиносиву ҷаҳонсолории илмии тоҷикон маълумот додааст. Заҳматҳои дар ин самт баанҷомрасонидаи чунин чеҳраҳои барҷаста намунаи ҷонбозиҳо ва ҷасорату далериҳои аҳли илму адаб дар асрҳои миёна ба шумор меравад, ки баёни ҳамин гуна заҳматҳо тариқи назм хеле муассир мебошад. Қисмтаҳои 6, 7 ва 9 фарогирандаи корномаҳои Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, аз ҷумла мулоқоти ӯ бо шоҳи Рай Фахруддавла, пешниҳод шудани олоти ихтироъкардаи Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ бо номи «Судси фахрӣ» зовиясанҷ ё секстант, дар уқёнус мавриди санҷиш қарор гирифтани он, инoят ва қадршиносӣ шудани Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ аз тарафи шоҳ ва ҳамчунин посухи Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ба Амир доир ба таъсиси як давлати мушобеҳ ба монанди давлати Сомониён ба шумор меравад. Суханвар бо ифодаи хидматҳои арзандаи илмии Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ба се масъала, якум баррасии фаъолиятҳои илмии донишмандони тоҷик дар пешрафти илмҳои нуҷум ва табиатшиносӣ, дуюм дар тӯли таърих аҳамияти баланд доштани корҳои навовариву ихтироъкардаи онҳо, ки ҳоло ҳам арзиши амалӣ ва назарии хешро аз даст надодаанд ва сеюм таъсис додани давлате ба монанди давлати Сомониён дар ҳама давра агар сарвазире чун Балъамӣ рӯи кор ояд, таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст.

Дигар масъалае, ки дар робита ба рӯзгори Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ зикр карда шудааст, муколамаи ӯ бо Абӯрайҳони Берунӣ ба шумор меравад. Суханвар дар қисмати 8-уми достон як руҷӯи шоирона ба мутафаккири бузурги Шарқ Абӯрайҳони Берунӣ мекунад ва аз номи Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ асрори муваффақиятҳои илмии мактаби тафаккурмеҳвари халқи тоҷикро боз мекушояд. Чор қисмати дигари достон, ки унвонҳои “Ҳушдорӣ”, “Баъди сӣ соли танҳоӣ”, “Ҳукми устурлоб” ва “Ифтихор”-ро доро мебошанд, ба азобу нодорӣ печидани Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ пас аз марги Фахруддавла, аҳамияти устурлоби ӯ дар омӯзиши қавонини фалак ва аз умри дар ин роҳ сарфашудаи ӯ қаноатмандӣ карданро фаро гирифтаанд.

Дар маҷмӯъ, метавон таъкид кард, ки Аҳмадҷони Раҳматзод тавонистааст, ки дар достони “Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ” як чеҳраеро муаррифӣ намоянд,ки воқеан ҳам як намоди илму фарҳанги ҷаҳонӣ ва навовариву ихтироъкорӣ др асрҳои миёна мебошад. Портрети манзуми Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ҷойгоҳи хешро дар осорхонаи дилҳои алоқамандони таърихи илму маориф пайдо кардааст. Ин достон имрӯз дар канори достони “Гаҳвораи Сино”-и Мӯъмин Қаноат барои муаррифии симоҳои пурфурӯғи илму адаби тоҷик нақши арзанда гузоштааст.

**4.Таҷассуми инсон ҳамчун чеҳраи динӣ ва эътиқодӣ.** Аҳмадҷони Раҳматзод тавре алакай ишора гардид, бештар дар достонҳои хеш ба масъалаҳои таърихӣ, худшиносиву ходогоҳӣ, ҳодисаву воқеаҳои миллӣ, тавсифи ҷойгоҳи илмиву адабии шахсиятҳои алоҳида гароиш пайдо кардааст ва чунин мавзӯъҳо дар маҷмӯъ тору пуди достонҳои ӯро ташкил додаанд. Дар достони “Зуҳури ҳазрати инсон” андак манзара дигаргунатар ва мавзӯъҳои баррасишаванда мутафовиттар ба мушоҳида мерасад. Ин достон аз чанд ҷиҳат, аз ҷумла таърихи пайдоиши инсон аз дидгоҳи динӣ-эътиқодӣ, муколамаи динҳои бузурги ҷаҳонӣ ба монанди зардуштӣ, буддоӣ ва ислом ва инчунин нақли сарнавишти паёмбарони ислом ба монанди ҳазрати Иброҳим, Исмоил, Юнус, Яъқуб, Юсуф, Аюб, Мӯсо, Исо ва модари ӯ Марям ва руҷӯъҳои суханвар ба шоири шаҳири тоҷик Лоиқ Шералӣ аҳамият дорад ва аз лобалои мавзӯоти достони мазкур ба мушоҳида мерасад, ки достони “Зуҳури ҳазрати

инсон” аз ҳама достонҳои калонтарини Аҳмадҷони Раҳматзод аст. Ҳар қисмати достонро Аҳмадҷони Раҳматзод ба монанди як саҳнаи театрӣ тасвир намудааст ва ин саҳнаҳо бозгӯкунандаи сарнавишт, ғаму дард, мубориза ва бархурду пархош ва маргу зиндагии инсон дар давраи пайдоиши инсон-ҳазрати Одам то замони зиндагии суханвар мебошад. Дар достони Аҳмадҷони Раҳматзод ду масъала ҳамчун ду хати сурх баробар аз аввал то охир матраҳ мешавад. Шоир дар қисматҳои 2, 3, 4, 5, 7, 8, 9, 10, 12, 13, 14, 15, 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 24, 25, 26, 27, 28 бештар ба тасвири сарнавишти паёмбарон ва замону зиндагии онҳо, ки намунаи сарнавишти инсон дар моварои ин гирудорҳо ба шумор меравад, алоқамандӣ зоҳир кардааст. Чун дар ҳавсалаи мақолаи ҳозир баррасии масоили мазкур ба таври васеъ имкон надорад, ин чо як намуна аз “Муколамаи Буддо ва ҳазрати Хизр” оварда мешавад:

**Ҳазрати Хизр:**
***Ҳаворо дар чӣ шакле мекунӣ тасвир, эй Буддо,***
***Ки ҳам сахт асту ҳам моеъ бошад оби ин дунё?!***
**Буддо:**
***Ҳаво як ҷисми руҳонӣ, зи қолаб омада берун,***
***Чи сахт асту чи моеъ, об бошад ҷисмҳоро хун.***

Яъне, ҳамин гуна ихтилофҳо ва дигар қонунмандиҳои дохилӣ ва берунии динҳо бо мисолҳои мушаххас ва ҳикояҳову нақлҳои баргирифта аз зиндагиномаи чунин шахсиятҳо, ки сабаби саргаронӣ ва саргардониҳои зиёд, пайдо шудани фиребу дурӯғ гардидаанд, бозгӯ гардидаанд. Аз ин ҷиҳат, қатли Зардушт, зуҳури ҳазрати Иброҳим ва шикастани будхонаҳо, тавлиди Исмоил, гурезон шудани ҳазрати Юнус аз қавми хеш, фиреб хӯрдани ҳазрати Яъқуб аз фарзандонаш, афтодани Юсуф ба чоҳ, касолати ҳазрати Айюб, марги қибтӣ, шубонии ҳазрати Мӯсо ва ғайра дар меҳвари баҳсу муҳокимаҳои бадеии суханвар қарор гирифтаанд. Як аҷобати достони мазкур аз он иборат мебошад, ки суханвар дар қисмати хотимавӣ аз саҳифагардон кардани рӯзгори чунин шахсиятҳои диниву эътиқодӣ хулосаҳои ҷолиб ва мантиқӣ мебарорад, ки дар мавридҳои лозима зикраш хоҳад омад.

Масъалаи дуввум ба муколамаи ғоибонаи суханвар ба устод Лоиқ робита дорад. Суханвар дар қисматҳои 1, 6, 11, 23 аз дардҳои таърих ва кушторҳои дар натиҷаи хашму ғазаб бавуҷудомада ҳарф мезанад ва бо мурочиат ба устод Лоиқ аз идомаи чунин сангаргириҳои бемантиқи замони муосир мегӯяд, ки решаҳои он дар умқи таърих нуҳуфтааст. Масалан, пас аз қисмати панҷум, ки “Қатли Зардушт” унвон дорад, чунин сурудааст:

***Аё рӯҳи қавии ҳазрати Лоиқ,***
***Мададгорам бишав, то бишканам ханҷар!***
***Ки моро мекушад имрӯз ҳам пайғоми даъвогар!***
***Чунонки Зардуҳишт аз моҷарои мову ман фавтид,***
***Фаластин қудрати дирӯзро имрӯз месанҷад,***
***Яҳуд аз камтарин сарбозии Бағдод меранҷад.***
***Саронро мекашад бар дор,***
***Аналҳаққгӯй мансурони сарҳуро барад то ҷодаи бозор…***

Яъне, суханвар дар моварои чунин ҷусторҳои хеш ҳамеша аз инсонҳои ормонии насли башар, паямбарону эътиқодмандон ёд меоварад ва як навъ авҷ гирифтани хушунату муборизаҳои хунини замони муосирро мероси гузашта меҳисобад. Руҷӯъ ба устод Лоиқ – суханвари ормонсарову миллатгарои насли нави тоҷикон аз ҷониби Аҳмадҷони Раҳматзод як навъ баёни дарду ҳасрат ва шикоят аз сарнавишти мардуми мазлуми Шарқ мебошад, ки

ҳамеша мавриди ҳадафи бегонагон ва манфиатҷӯёни Яҳуд қарор гирифтаанд ва чандин ҳазорсолаҳо дар хонаи хеш талафоти ҷониву моливу маънавӣ додаанд.

Суханвар аз қисмати дигари достон, ки “Убури дарё” ном дорад, бори чаҳорум ба устод Лоиқ муроҷиат мекунад. Ин қисмат ба шубонии ҳазрати Мӯсо ва гузаштани он кас аз дарёи Нил алоқамандӣ дорад. Суханвар аз дарёи Нил даҳшати мавҷи дарёи Варзобро ба хотир меоварад, ки чунин аст: “Дидаам парвози маргу тирро,Дидаам бозичаи дасти аҷал тақдирро...Ҳамчу ман даҳшатзада,Сад ҳазорон, одамони бегуноҳи шаҳр аз тирезаҳо…Лошахорон рӯи мавҷи тираи Варзоб болиданд”.

Ҳамин тариқ, тавре мушоҳида гардид Аҳмадҷони Раҳматзод дар достони мазкур бо усулу шеваҳои хос ба баррасии масъалаҳое пардохтааст, ки дар адабиёти муосири тоҷик як андоза мавзӯи тоза буда, сабабҳои сар задани баъзе муборизаҳову мухолифатҳоро дар шароити кунунӣ боз мекушояд. Суханвар дар қисмати “Хотима” аз таҳлили бадеии мавзӯоти мазкур хулосабарорӣ карда, дар моварои печетобҳои замон мавқеи инсонро чунин ба қалам овардааст:

***Оҳ, эй яздон!***
***...Киштии бишкастаат мероси мо гашт,***
***Осмонат оси ин киштӣ,***
***Нестият нохудо гашт…***

Ҳамин тариқ, санадҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки устод Аҳмадҷони Раҳматзод наздик ба 15 соли умри хешро ба офаридани асарҳои калонҳаҷми бадеӣ, аз ҷумла достону манзумаҳо бахшида, бо камоли масъулият як равзанаи ҳунарии адабиёти тоҷикро дар замони Истиқлол боз доштааст. Мутолеаи достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод бозгӯкунандаи он ҳастанд, ки шоир дар зимни нигоҳ доштани як суннати адабӣ бештар равандҳои достонсароии шоирони як насли пешро идома бахшида, ин жанрро аз лиҳози мавзӯъ, шакл ва устухонбандӣ мутафовит гардонидааст. Имрӯз Аҳмадҷони Раҳматзод аз достонсароёне ба шумор меравад, ки дар тасвири симоҳои барҷастаи илму адаб, нишон додани ҳодисаву воқеаҳои мудҳиши замони Истиқлол ва баланд бардоштани ҳисси Ватандӯстиву меҳанпарастӣ ва дар маҷмӯъ тафсири чакомаи ваҳдату ҳамдилӣ дасти тавоно дорад. Достонҳои Аҳмадҷони Раҳматзод намунаи боризи ба намоиш гузоштани имкониятҳои жанри достон дар фаро гирифтани мавзӯоти замон ва масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, таъриxиву фалсафӣ ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат, метавон таъкид кард, ки нақши Аҳмадҷони Раҳматзод нисбат ба ҳар шоири дигар дар инкишофи жанри достон дар адабиёти пасазистиқлолии тоҷик назаррасу арзанда мебошад.


## ПАЙНАВИШТ:

1. *Мирзоюнус, Матлуба. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо. Маҷмӯа мақолаҳои адабиётшиносӣ / Мирзоюнус Матлуба. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 516 с.*
2. *Нурзод, Нуралӣ. Парниёни сабзи андеша/Маҷмӯаи мақолаҳо дар нақди адабиёти муосири тоҷик / Нурзод Нуралӣ. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 308 с.*
3. *Раҳматзод, Аҳмадҷон. Номаи сарво. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – 362 с.*
4. *Раҳматзод, Аҳмадҷон. Поядабурс. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. – 336 с.*
5. *Раҳматзод, Аҳмадҷон. Асарҳои мунтахаб. –Хуҷанд: Хуросон, 2022. – 512 с.*

## Reference Literature

1. *Mirzoyunus, Matluba. National literature and dialogue of cultures. Collection of literary articles. - Khujand: Publisher, 2015. - 516 p.*
2. *Nurzod, Nurali. Green leaves of thought. Collection of articles on the critique of modern Tajik literature. – Khujand: Me`roj, 2014. – 308 p.*
3. *Rahmatzod, Ahmadjon. The letter of the head. - Khujand: Publisher, 2008. - 362 p.*
4. *Rahmatzod, Ahmadjon. Poynadaburs. - Khujand: Khorasan, 2015. - 336 p.*
5. *Rahmatzod, Ahmadjon. Selected works. - Khujand: Khorasan, 2022. - 512 p.*